## Шикоят аз амали кормандоони политсия

Агар кормандони политсия ҳуқуқҳои Шуморо поймол кунанд, қабули аризаро рад намоянд, вазифаи хизматии худро иҷро накунанд, пора талаб кунанд, ё зӯроварӣ намоянд, метавонед барои гирифтани ёрӣ муроҷиат намоед.

Ба инҳо муроҷиат кунед:

- ба ГУ МВД (раёсати шаҳрии ВКД), бо телефонҳои 112 ё 02;
- ба наздиктарин шуъбаи политсия;
- ба наздиктарин шуъбаи ноҳиявии МВД РФ (ВКД ФР).

**«Горячая линия» МВД РФ («Хатти доғ»-и ВКД ФР):**
8 800 222-74-47

**«Телефон доверия» ГУ МВД («Телефони боварӣ»-и Раёсати шаҳрии ВКД Россия дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград):**
8 (812) 573-21-81

**Қисми навбатдории ГУ МВД (Раёсати шаҳрии ВКД Россия дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград):**
8 (812) 573-20-49

**Телефони маълумотдиҳии ГУ МВД (Раёсати шаҳрии ВКД Россия дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград):**
8 (812) 573-26-76

**Қабулгоҳи ГУ МВД (Раёсати шаҳрии ВКД Россия дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград):** Санкт-Петербург, Литейный проспект, х.6, подъезди №3. Телефон: 8 (812) 573-34-81
Сайти расмӣ: *www.78.mvd.ru*

Дар бораи ҷиноятҳои содиркардаи кормандони политсия муроҷиат кунел ба **Оперативно-розыскную часть собственной безопасности ГУ МВД** (Бахши фаврии ҷустуҷӯии амнияти дохилии Раёсати шаҳрии ВКД Россия дар ш. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград):
195197, ш. Санкт-Петербург, кучаи Жукова, х.7а.
Телефони навбатдор: 8 (812) 541-02-02.
Телефони боварӣ – 8(812) 573-21-81.

Дар сурати беамалии кормандони политсия, рад кардани қабули ариза оид ба ҷиноят, вайрон кардани тартиби қабули шикоятҳо ба амалҳои кормандони политсия Шумо метавонед ба **Прокуратура** муроҷиат кунед;
*http://procspb.ru/*
Қабул бо суроғаи: кӯчаи Почтамтская, х. 1.
Муроҷиати хаттӣ: 190000, Санкт-Петербург, кӯчаи Почтамтская, хонаи 2/9.
Телефони навбатдор – 8 (812) 315-48-53.

Ба таҳқиқи ҷиноятҳои коррупсионии содиркардаи кормандони политсия **Главное Следственное Управление Следственного комитета РФ по Санкт-Петербургу (Сарраёсати Комитети тафтишотии ФР дар Санкт-Петербург машғул аст:**
*http://spb.sledcom.ru/*

190000, Россия, Санкт-Петербург, наб. Реки Мойки. 86–88.
Телефони боварӣ: 8 (812) 571-00-40.
Телефони навбатдор: 8 (812) 570-66-71.

**Уполномоченный по правам человека в Санкт-Петербурге (Ваколатдори ҳуқуқи инсон дар Санкт-Петербург)** низ маълумотро оид ба поймолкунии ҳуқуқи инсон аз ҷониби кормандони ВКД баррасӣ мекунад.
*http://ombudsmanspb.ru/*
Санкт-Петербург, Щербаков пер., х.1/3.
телефон 8 (812) 374 99 39.

Шумо метавонед ба ҳамаи ин муассисаҳо бо телефон занг занед, шахсан аризаи хаттӣ баред, ё шакли махсусашро дар сайт пайдо карда, муроҷиати электронӣ фиристед.

Ариза оид ба ҷиноятро бояд тафтиш кунанд, аризадиҳанда ва шоҳидонро пурсанд. Аз рӯи натиҷаҳои тафтиш оид ба оғоз кардан ё рад кардани парвандаи ҷиноятӣ қарор бароварда мешавад.

Ҷавоб ба аризаи хаттии Шуморо бояд на дертар аз 30 рӯзи санаи супурдани он диҳанд.

## МАНБАЪҲОИ МУФИДИ ИТТИЛООТӢ

**migrussia.ru** – «Мигранты и миграция. Межрегиональный информационный портал» («Муҳоҷирон ва муҳоҷират. Портали байниминтақавии иттилоотӣ») – маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, робитаҳои муфид.

**«МигрАзия+»** – замимаҳои мобилӣ барои муҳоҷирони корӣ ва аъзои оилаи онҳо – шаҳрвандони ЕАЭС (ИИАО) ва СНГ (ИДМ) (барои Android).

## ЁРИИ БЕПУЛИ ҲУҚУҚӢ

**БФ «ПСП-фонд»** (узви Комиссия оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва аксуламал бар зидди дискриминатсия (табъиз)-и муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо дар Санкт-Петербург)
+7 (812) 337-57-85, +7 921 598-17-90.
*www.psp-f.org*

Буклет «Взаимодействие с полицией» (на таджикском языке).
Разработан БФ «ПСП-фонд».
Автор-составитель: Якимов А.Н.

БФ «ПСП-ФОНД»

ХУШ ОМАДЕД БА **САНКТ-ПЕТЕРБУРГ!**



# МУНОСИБАТ БО ПОЛИТСИЯ

## БА ЁРИИ МУҲОҶИРИ КОРӢ

2018
2019

Кормандони политсия бояд тартиботро дастгирӣ кунанд, ҳуқуқу озодиҳои одамонро сарфи назар аз мансубияташон ба миллат, қавм, дин ва ғайра риоя намоянд.

Агар Шумо шоҳид ё қурбонии ҷиноят шудед, ба политсия муроҷиат кунед.

Қоидаҳои рафтор ва салоҳияти кормандони политсияро дар ФР Қонун «Дар бораи политсия» (Қонуни федералӣ № 3-ФЗ аз 07.02.2011) муайян мекунад.

## ПОЛИТСИЯ

**02 аз телефони собит (статсионарӣ)**

**«102» ё «112» – аз телефонии мобилӣ**

*www.мвд.рф*

## ТАФТИШИ ҲУҶҶАТҲО

Ҳуҷҷатҳоро танҳо он кормандони политсия ҳуқуқи тафтиш кардан доранд, ки айни замон ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ бошанд. Онҳо бояд либоси полисӣ ва нишони махсуси сарисинагӣ (жетон) дошта бошанд – **рақами онро дар хотир гиред ё нависед**.

**Ҳамеша ҳамроҳи худ ин ҳуҷҷатҳоро гиред:**

- шиноснома
- корти муҳоҷират
- сабти қайд (қайди ба ҳисоби муҳоҷирӣ гирифтан, регистратсия)
- патенти кор бо чекҳои пешпардохти маблағҳои андоз
- полисҳои ҳақиқии суғуртаи ихтиёрӣ (ДМС) ё ҳатмии (ОМС) тиббӣ.

Барои шаҳрвандони давлатҳои аъзои ЕАЭС (Иттиҳоди иқтисодии Авросиё: Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон) гирифтани патенти кор лозим нест.

> **!** *Ҳатман ҳамаи ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ кунед ва алоҳида аз ҳуҷҷатҳои аслӣ нигоҳ доред – дар ҳолати гум кардани ҳуҷҷатҳо онҳоро барқарор кардан осонтар мешавад.*

Корманди политсия ҳангоми ба Шумо муроҷиат кардан бояд:

- рутба, вазифа ва насаби худро гӯяд
- шаҳодатномаи худро бо талаби Шумо нишон диҳад
- сабаб ва мақсади тафтиши ҳуҷҷатҳоро фаҳмонад (б.4 моддаи 5 Қонун «Дар бораи политсия»).

Корманди политсия метавонад ба ҳаққонӣ будани ҳуҷҷатҳои Шумо шубҳа кунад. Дар ин ҳолат аз Шумо хоҳиш мекунад, ки ҳамроҳаш барои санҷиши ҳуҷҷатҳо аз махзани маълумот ба наздиктарин нуқтаи политсия равед.

**Агар чунин шуд, ба хешовандон ё дӯстонатон занг занед ва бигӯед, ки дар куҷо ҳастед ва бо кӣ суҳбат доред. Бисёр муҳим аст, ки ягон кас аз аҳволатон огоҳ бошад!**

> **!** *Дар хотир дошта бошед – пора додан ҷиноят аст (на фақат барои корманди политсия, инчунин барои шахси порадиҳанда ҳам!) Ба корманди политсия пул надиҳед!*

### Дар ҳолати боздошт:

**Шахси боздоштшуда ба гуфтугӯи телефонӣ ҳуқуқ дорад (б.7 моддаи 14 Қонун «Дар бораи политсия»).**

Дар бораи боздошт протокол тартиб дода дар он корманди политсия ин маълумотҳоро менависад:

- сана, вақт ва ҷои тартиб додани протокол;
- вазифа, насаб ва номи корманди политсия, ки протокол менависад;
- маълумот дар бораи боздоштшуда, сана, вақт, ҷой, асос ва сабаби боздошт (б. 14 моддаи 14 Қонун «Дар бораи политсия»).

Ба протоколи боздошт корманди политсия, ки онро тартиб додааст, имзо мегузорад.

Агар Шуморо боздошт карда, протокол тартиб диҳанд, хоҳиш мекунанд, ки Шумо ҳам имзо гузоред.

**Агар Шумо бо мазмуни протокол розӣ набошед, нависед – «бо протокол розӣ нестам» ва сабабашро нишон диҳед. Масалан: «барои он ки амалҳои дар протокол сабтшударо содир накардаам». Агар Шумо забони русиро нағз намефаҳмед ва бо хоҳиши Шумо тарҷумон пешниҳод накардаанд, Шумо метавонед инро дар протокол нависед. Масалан: «матни протоколро бо забони русӣ намефаҳмам». Шумо инро дар протокол бо забони модариатон ҳам навишта метавонед.**

Агар Шумо имзо кардан дар протоколро рад намудед, корманди политсия дар протокол ҳатман инро бояд сабт кунад (б.15 моддаи 14 Қонун «Дар бораи политсия»).

> **!** *Ҳатман талаб кунед, ки нусхаи протоколи боздоштро ба Шумо диҳанд – кормандони политсия вазифадоранд, ки бо талаби Шумо нусхаро диҳанд (б.15 моддаи 14 Қонун «Дар бораи политсия»).*

То қарори суд шаҳрванд набояд ба муҳлати беш аз 48 соат боздошт карда шавад.

**Шахси боздоштшуда метавонад ҳимоятгар, инчунин агар забони русиро хуб надонад, тарҷумон талаб кунад.**

**Кормандони политсия ҳуқуқ надоранд ҳуҷҷатҳои Шуморо ҳамчун замонати пардохтани ҷарима ё дигар пардохтҳо гиранд – ин ғайриқонунист!**

Агар Шуморо ғайриқонунӣ боздошт карда, ғайриқонунӣ дар политсия нигоҳ медоранд, ба Общественная наблюдательная комиссия (ОНК) – Комиссияи ҷамъиятии мушоҳида (КҶМ) муроҷиат кунед. Аъзои комиссия ҳуқуқ доранд, ки шароити боздошти шаҳрвандони хориҷиро тафтиш кунанд, инчунин метавонанд ба Шумо ёрии бепули ҳуқуқӣ расонанд.

**Общественная наблюдательная комиссия Санкт-Петербурга (Комиссияи ҷамъиятии мушоҳида)-и Санкт-Петербург**

(дар сурати поймолшавии ҳуқуқ ҳангоми боздошт ва нигаҳдорӣ дар боздоштгоҳи тафтишотӣ аз ҷониби политсия ва маҳбасҳо)

сайт: *onkspb.ru*

почтаи электронӣ: mail@onkspb.ru

Телефони котиб: +7 (931) 352-06-35.

## РЕЙДҲО

Ҳуҷҷатҳои Шуморо ҳангоми рейдҳои махсус ҳам тафтиш карда метавонанд. Кормандони политсия ва Раёсати муҳоҷират шиноснома, корти муҳоҷират, сабти қайди муҳоҷират (регистратсия), полиси тиббиро тафтиш мекунанд. Ҳамчунин тафтиш мекунанд, ки ҷойи воқеии кор ба вазифаатон бо нишондодҳои ҳуҷҷатҳо мувофиқ меоянд ё не.

Аз рӯи натиҷаҳои тафтиш кормандон санад ва агар қонунвайронкуниҳо ошкор шуда бошанд, дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ё боз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ протокол тартиб медиҳанд. Як нусхаи санад ё протокол ҳатман ба дасти гумонбар дода мешавад.

**Протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар соҳаи муҳоҷират метавонанд фақат кормандони раёсати муҳоҷират тартиб диҳанд.**

Тартиб додани протокол маънии онро надорад, ки Шумо ҳатман ҷарима супоред. Ба Шумо бояд **қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ** диҳанд, ки дар муҳлати 10 рӯз аз болои он ба суд шикоят карда метавонед.

Бо сабаби хатари амалиётҳои террористӣ дар даромадгоҳи метро ё вокзал кормандони политсия, метро ё вокзалҳо метавонанд аз Шумо хоҳиш кунанд, ки ба воситаи чорчӯбаҳои муҳофизатӣ ворид шавед ё бағоҷи худро аз детектори махсус гузаронед. Ин амалҳо қонунӣ мебошанд.